**ЛОИҲА**

Парвандаи аттестатсионии № 14

17 апрели соли 2021, суратҷаласаи № 16

## ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ

6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, дар бораи диссертатсияи Мирзоев Шӯҳрат Саидаҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Мирзоев Шӯҳрат Саидаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертатсия, автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурии Мирзоев Ш.С. ба шӯро 21 декабри соли 2020 ворид гардида, 26 декабри соли 2020, протоколи №14 ба ҳимоя роҳ дода шудааст.

Мирзоев Шӯҳрат Сайдаҳмадович соли таваллудаш 03.02.1990, миллаташ тоҷик, оиладор, узви ҲХДТ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 2007-2012 факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо дипломи аъло, аз рӯи ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм намудааст. Соли 2017 шуъбаи ғоибонаи факултети иқтисодии ДДК-ро аз рӯи ихтисоси “Иқтисод ва идора дар корхона” хатм намуда, солҳои 2014-2020 ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ дар “Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқати ш.Кӯлоб” ба фаъолият шуруъ намудааст (аз 10.01.2014 №36-хк то 10.11.2020 №58-хк). Аз соли 2012 то ба имрӯз ба ҳайси ассистент дар кафедраи забони англисӣ ва методикаи таълими он (ҳозира кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кор мекунад (аз 30.07.2012 №2-к). Соли 2017 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони “Аълочии маорифи Тоҷикистон” сарфароз гардонида шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҷумъахон Алимӣ - д.и.ф., профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими он дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

**Муқарризони расмӣ:**

**Шербоев Саидбой** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улугзода.

**Пиров Қурбон** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

*Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:*

**Гулмадов Файз** –доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбат.

**Раҳмонова Наргис Шарифовна**–доктори илмҳои филологӣ. профессор, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон. Тақриз мусбат.

**Якубова Вилоят Абдураҳмоновна-** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тақриз мусбат.

**Самадова Илмира Назришоевна-** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат.

Дар муҳокима ва мубоҳиса ширкат варзиданд: Бандаев С.Г.-д.и.х., профессор, Гусейнова Т.В.-д.и.п., профессор ва С.Хоҷазод- д.и.ф., профессор.

Диссертант оид ба мавзуи таҳқиқот 9 мақола ба табъ расонидааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр гардидааст.

*Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:*

1. Мирзоев, Ш.С. Таълими ибтидоии забони англисӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ. /Ш.С.Мирзоев [Матн] // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ (ISSN 2219-5408), 2018. -№ 3 (75). -С. 58-62.
2. Мирзоев, Ш.С. Ҳамсафарии компютерӣ - унсури иттилоотӣ-таҳсилотии муҳити забони хориҷӣ /Ш.С.Мирзоев [Матн]//Паёми ДМТ (ISSN 2074-1847), 2017. -№ 3/7. Қисми-II -С.323-326.
3. Мирзоев, Ш.С. Ҳадафҳои таълими забони хориҷӣ ба хурдсолон дар давраи иттилоотӣ. /Ш.С.Мирзоев [Матн]// Паёми ДМТ / (ISSN 2074-1847), 2018. -№ 1.-С.259-264.
4. Мирзоев, Ш.С. Усулҳои ҳамсафарии компютерии раванди омӯзиши забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ/Ш.С.Мирзоев [Матн]//Паёми ДМТ (ISSN 2074-1847), 2018. -№ 2.- С.259-262.
5. Мирзоев, Ш.С. Вижагиҳои истифодаи технологияҳои интерактивӣ ва мултимедӣ дар дарсҳои забони англисӣ барои синфҳои ибтидоӣ/Ш.С.Мирзоев[Матн]//Паёми ДДЗТ ба номи С.Улуғзода (ISSN 222-9355), 2018. - №2-3 (30-31). - С.114-118.
6. Мирзоев, Ш.С. Специфика информационной среды начального общего образования /Ш.С.Мирзоев [Текст]//Вестник КГУ имени А.Рудаки (ISSN 2616-5260), 2018. № 1(18). С 34-40
7. Мирзоев, Ш.С. Информационное пространство и обучение иностранному языку. /Ш.С.Мирзоев [Текст]//Вестник КГУ имени А.Рудаки (ISSN 2616-5260), 2018. № 2(19). С 24-30
8. Мирзоев, Ш.С. Обучение иностранному языку и компьютерное сопровождение./Ш.С.Мирзоев [Текст]//Вестник КГУ имени А.Рудаки/(ISSN 2616-5260),2018. № 2(19).-С 30-36
9. Мирзоев, Ш.С. Истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар омӯзиши забони англисӣ ҳамчун воситаи афзоиши сифати таълими хурдсолон. /Ш.С.Мирзоев [Матн] //ДДОТ ба номи С.Айнӣ, конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 80-солагии таъсисёбии факултети забонҳои хориҷӣ ва амалигардонии - барномаи давлатии омӯзиш ва такмили забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020. (Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). 2020,С.52-53.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти ба анҷом расонидаи унвонҷӯ:

*-ошкор карда шуд, ки* зарурати татбиқи низоми таълими хонандагони хурдсол бо истифодаи компютер афзоиши ангезаи баланд ва самаранокии раванди таълимро таъмин мекунад;

*-муқаррар карда шуд, ки* истифодаи барномаҳои компютерии маърифатӣ мувофиқи супоришҳои дидактикӣ ба афзоиши фаъолият, мустақилият, шавқи маърифатандӯзӣ ва сифати дониши ба даст овардаи хонандагони хурдсоли мактаб мусоидат мекунад.

*-исбот гардид, ки* Низоми интегративии векторҳои асосӣ, аз як тараф марбут бо таълими забони хориҷӣ (вектори робита), аз дигар тараф марбут бо ташаккули саводнокии ТИК (вектори иттилоотӣ)-и хонандагони синни хурд, дар таълими забони англисӣ муфид мебошад;

*-тасдиқ гардид, ки* хусусиятҳои интегративии таълими ЗХ дар синфҳои ибтидой ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагони хурдсол мусоидат менамояд;

*-асоснок карда шуд, ки* интихоб ва ташкил намудани барномаҳои компютерии маърифатӣ дар раванди таълими забони англисӣ барои хонандагони хурдсол мусоидат мекунанд;

*-тасдиқ карда шуд, ки д*ар рафти кори озмоишӣ истифодаи технологияи компютерӣ дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ самараи дилхоҳ медиҳад;

*-муайян гардид, ки* истифодаи *технологияи мултимедӣ* фаъолияти мустақилонаи хонандагонро оид ба азхудкунии забони англисӣ таъмин менамояд.

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аст аз*:

-ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба салоҳиятҳои коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагони хурдсол, ки тасаввуротҳои илмиро вобаста ба таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ васеъ мегардонад;

- асоснок кардани тартиботи ташкил ва интихоби БТК оид ба дастгирии раванди таълими ЗА дар синфҳои ибтидоӣ, ки ба болоравии динамикаи ташаккули салоҳияти нутқии хонандагони хурдсол мусоидат мекунанд;

- коркарди шароитҳои педагогӣ, маҷмӯи принсип, усул ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими ЗА дар синфҳои ибтидоӣ, ки ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативва саводнокии иттилоотии хонандагони хурдсол мусоидат мекунанд;

- таҳлилу таҳқиқи технологияҳои компютерӣ дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагони хурдсол аз забони англисӣ дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ.

Барои санҷиши фарзияи таҳқиқот ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда *методҳои мазкур* истифода шудаанд:

1.*Методи назариявӣ:* таҳлил ва таҷзияи натиҷаҳои таҳқиқот доир ба мавзӯи диссертатсия, таҳлили пажӯҳишҳои фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ, таҳлили натиҷаҳои пажӯҳиши назариявӣ ва озмоишӣ, амсилаи (модели) раванди педагогии омӯзиши забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

2.*Методи таҷрибавӣ*: таҳлили китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ-маърифатӣ, стандарт ва дастурҳои таълимӣ оид ба ЗХ; суҳбатҳо бо муаллимон ва хонандагон; мониторинги кори хонандагон ва муаллимон, худмушоҳидабарӣ; метод оид ба баҳодиҳии коршиносӣ; омодасозии таҷрибавӣ; методҳои коркарди оморӣ; пурсиши анкетавӣ; пурсиши тестӣ.

3.Усулҳои коркарди математикии натиҷаҳои пажӯҳиши озмоишӣ.

4.Таҳлил ва тавсифи натиҷаҳои миқдориву сифатии омӯзиши таҷрибавӣ.

*Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нуқтаҳои зерин баён шудаанд:*

1.Шароитҳои психологию педагогии омӯзиши забони англисӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз технологияи компютерӣ муқаррар гардидааст.

2.Мақом ва вазифаи фанни забони англисӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва вазифаҳои методии технологияҳои компютерӣ маълум гардидааст.

3.Доираи маҳорати гуфтор ва малакаҳои забонӣ дар нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ мушаххас гардидааст.

4.Низоми методии таълими забони англисӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути истифода аз технологияи компютерӣ таҳия карда шудааст.

5. Исбот карда шуд, ки дар амал ҷорӣ намудани усулҳои самараноки таълим дар гурӯҳҳои озмоишӣ ба баланд бардоштани натиҷанокии омӯзиши забони англисии хонандагон мусоидат кард.

6. Муайян карда шудааст, ки технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ бо мақсади омодасозии хонандагон ба ҳамкории педагогӣ дар ҳолати муошрати байнифарҳангӣ ҳамчун технологияи пешқадами шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ амал менамояд

7. Маҷмӯи метод, принсип ва равияҳои методии таҳияшуда ба истифодаи корҳои фардӣ ва гурӯҳӣ барои ҷорӣ намудани технологияи компютерӣ зимни таълими забони англисии хонандагони синфҳои ибтидоӣ имконияти баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон, фаъолияти маърифатӣ, тафаккур ва тасаввуроти эҷодии онҳо мусоидат карда, раванди таълимро самарабахш мегардонад

8.Самаранокии усулҳои таълими забони англисӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар таълими таҷрибавӣ ва тавсифи натиҷаҳои микдориву сифатии он баҳогузорӣ карда шудааст.

*Аҳамияти натиҷаҳои ба дастомада дар амалия бо он тасдиқ мегардад, ки:*

1.Методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди пажуҳиш ва коркард қарор дода шавад.

2.Ташаккули малакаҳои нутқӣ ва забонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ гардад.

3.Нисбати истифодаи технологияҳои компютерӣ ба сифати васоити ёвари таълими забони англисӣ ваҷҳи (мотиватсияи) хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян ва рушд гардад.

4.Дар татбиқи таълими самараноки забони англисии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ ва омодагии омӯзгорон муайян карда шавад.

*Дастовардҳои дигари илмӣ, ки навгонӣ ва арзишмандии натиҷаҳои ба даст омадаро шаҳодат медиҳанд:*

1.Дар илми педагогика методикаи таълими забони англисии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди пажуҳиш ва коркард қарор гирифт.

2.Дар асоси технологияҳои компютерӣ малакаҳои нутқӣ ва забонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз забони англисӣ ташаккул дода шуд.

3.Роҳу усулҳои татбиқи таълими самараноки забони англисии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ ба омодагии омӯзгорон муқаррар карда шуд.

4. Таълими самараноки забони англисии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ ва омодагии омӯзгорон муайян гардид.

*Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро инҳо таъмин менамоянд:* истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш мувофиқанд; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи тартибу қоидаҳои дар фарзиву ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошташуд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи диссертатсия.

*Натиҷа ва хулосаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар назария ва методикаи таълим ва тарбия дар корбасти дурусти технологияи компютерӣ дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз забони англисӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт:*

*Назария асос ёфтааст:*-ба қоидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, фарҳангшиносӣ, педагогӣ ва лингводидактикӣ, ки зимни он дараҷаву мафҳумҳои «муошират», «забон», «фарҳанг», «фарҳанги муошрати нутқӣ», «коммуникатсия», «салоҳиятмандӣ», «муколамаи фарҳангҳо» ва ғайра;

*-таҳлили санадҳои меъёрӣ:* Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва тамдиди он то соли 2030», «Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», Консепсияи миллии маълумот ва Стандартҳои давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии моҳияти раванди таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар муқаррар созанда;

*-мавриди истифода қарор гирифтаанд:* асарҳои муҳаққиқону олимони ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда;

*-муқаррар карда шудааст, ки* шароитҳои психологию педагогӣ барои омӯзиши забони англисии *хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ* самарабахш буда, метавонад дар таҷрибаи кори дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҶТ мавриди истифода қарор гирад.

*-муайян карда шудааст, ки* тавассути таҳияи низоми методии таълими забони англисии талабагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дастгирии компютерӣ ваҷҳи (мотиватсияи) хонандагон рушд менамояд.

*Иштироки шахсии унвонҷӯ:*

1. Муаллиф ғоя ва қоидаҳои асосии диссертатсияро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, амсилаи консептуалиро коркард намудааст, ки он имконияти ҳалли масъалаҳои муносибатҳои шахсиятӣ-фаълиятмандӣ ва босалоҳияти истифодаи технологияҳои компютериро дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам овардааст.

2. Иҷрои бевоситаи кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тафтиши натиҷаҳои ба даст оварда шуда, ба таври фарох ва амиқу самарабахш мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

3. Муаллиф дар интихоби усул ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши забони англисӣ, амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва асарҳои интишоршуда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо, фаъолона ширкат варзидааст.

4. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои самаранокии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз забони англисӣ таҳия карда шудаанд.

*Тавсияҳои асосӣ ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот:*

1. Пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади беҳтар гардонидани раванди таълим ба муаллим зарур аст, ки таъсири забони модариро ба забони хориҷӣ ба ҳисоб гирад, нуктаҳои бо ҳам наздикии забонҳои робитакунандаро, ки ба кӯчониши мусбати дониш, қобилият ва малакаҳо аз забони модарӣ ба забони англисӣ мусоидат мекунад, ҳамчунин ҷиҳатҳоеро, ки бо сабаби таъсири мутақобилаи забони модарии хонандагон дар азхудкунии забони англисӣ душвориҳо ба вуҷуд меоварад, ба таври мушаххас донад.

2. Технологияи компютерӣ дар таълими забони англисии талабагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии хонандагон мусоидат карда метавонад.

3. Мувофиқи мақсад аст, ки робитаҳои байнифаннӣ дар сатҳи қоидаҳои пешбарандаи мавзӯи таълимӣ амалӣ гардонида шаванд, ки ин барои таъмини ягонагии баррасии таҳлилӣ ва ҷамъбастии маводи таълимӣ имконият медиҳад. Дар амал ҷорӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ ва баланд бардоштани сифати азхудкунии мафҳумҳои

бунёдии илмӣ мусоидат мекунад, раванди ташаккулдиҳии лаёқатҳои зеҳнӣ ва малакаҳои амалиро дар хонандагон метезонад.

4. Кори мустақилонаи синфҳои ибтидоиро, ки қобилиятҳои ақлонӣ ва сифатҳои муҳими маърифатии талабагон, ташаббускорӣ ва фаъолиятнокии онҳоро густариш медиҳад, диққат, хотира ва тафаккурашонро тарбия менамояд, дуруст ба роҳ мондан зарур аст.

5. Ҳолатҳои бозигиро мақсаднок истифода бурдан зарур аст, ки он сатҳи таълимро баланд мебардорад ва онро барои хонанда шахсан аҳамиятнок мегардонад.

6. Натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчунин метавонанд зимни таҳия ва тартиб додани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва методӣ, дастуру роҳнамоҳо барои омӯзиши забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ истифода гарданд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ проблема ва масъалаҳое ҳаллу фасл мегарданд, ки ба меъёрҳои воҳидҳои дохила мутобиқанд ва онҳо бо натиҷаҳои таҳқиқот исбот карда мешаванд: ҷиҳати хулоса ва тавсияҳои амалӣ, шароитҳои педагогии оптималии коркардшуда, ки барои рушд ва ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва саводнокии иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода мегарданд.

Шӯрои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусиро дар бар гирифта, ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шӯро 13 нафар иштирок доштанд, ки аз он 8 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд.

*Натиҷаи овоздиҳӣ:*
«тарафдор» 13 нафар
«зид» нест
«варақаҳои беэътибор» -нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сайфуллоев Х.Ғ.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Гургулиева О.**